# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи Душанбе (1942 - 2021) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) мувофиқат мекунад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки истифода аз имкониятҳои табиӣ ва истеҳсоли семент ва дигар масолеҳи бинокорӣ, аҳаммияти бунёди корхонаҳои истеҳсоли семент дар ҶШС Тоҷикистон ҳанӯз дар солҳои сиюми асри гузашта татбиқ омили рушди саноати мазкур ва амалӣ гардидани лоиҳаи индустриякунонии ҷумҳурӣ аҳаммияти калидӣ дорад.

Дар таърихнигории таърихи ватанӣ мавзуъи мазкур бори нахуст баррасӣ гардида, маводи зиёди бойгонӣ оид ба таърихи саноат ва сохтмони Тоҷикистон дар давраи Шуравӣ ва замони истиқлол мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтаанд. Ҳануз дар солҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон барои истифодаи захираҳои табии барои рушди саноат ва сохтмон корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оғоз ёфта буд. Сипас дар шароити душвори Ҷанги Бузургӣ Ватанӣ, норасоии кадрҳо, таҷҳизот саноати семент ҳамчун соҳаи калони махсус ба вуҷуд омад. 6-уми декабри соли 1942 дар шаҳри Душанбе заводи семент ба кор даромад. Соли 1945 нахустин заводи сементбарории Тоҷикистон бо иқтидори пуррааш ба кор даромад, ки дар ҳаёти ҷумҳурӣ воқеаи муҳими таърихӣ маҳсуб меёбад.

Марҳилаи рушди заводи сементи Душанбе аз солҳои 60-уми асри XX оғоз гардида дар солҳои 60-80-ум ба авҷи тараққиёти худ расид. Тавре, диссертант баён мекунад дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли семент дар як сол беш аз як миллион тоннаро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда дастоварди беназир дар таърихи саноати кишвар маҳсуб меёфт.

Дар ин давра заводи сементи Душанбе аз нав муҷаҳҳаз ва васеътар карда шуда соли 1960 дар ин завод хати сеюми технологӣ ба кор шуруъ кард, ки дар натиҷа моҳи сентябри ҳамин сол навбати якуми заводи нави сементи Душанбе ба кор даромада, соли 1962 дар заводи нави

Душанбе хати дуюм ва дар заводи якуми сементи Душанбе хати нави технологӣ ба истифода дода шуд.

Аҳаммияти илмӣ-таърихии масъалаи мазкур аз он иборат аст, ки бо рушди устувори саноати семент дар ҷумҳурӣ дар замони Иттиҳоди Шуравӣ иншооти азим - НБО-ҳои Норак, Сарбанд, Бойғозӣ, Қайроқум, Роғун, Сангтӯда, Заводи алюминии тоҷик ва даҳҳо заводу фабрика, инфрасохтори манзилӣ-маъмурӣ бунёд гардиданд, ки онҳо дар рушди саноатикунонӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ нақши калон доранд.

Мубрам будани мавзуъ боз дар он зоҳир мегардад, ки дар замони истиқлоли комил, дар остонаи ҳадафи чоруми стратегӣ саноати семент боз ҳам аз соҳаҳои муҳим аз лиҳози имкониятҳои ҷуғрофию захираҳои табиӣ барои саноати мамлакат ба ҳисоб меравад. Дар ин давра марҳилаи нави рушд Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо кишварҳои шарикони стратегӣ ва ҳамҷавор ба мисли Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷопон, Қазоқистон ва Ӯзбекистон корхонаҳои дигари истеҳсолкунандаи сементро сохта ба истифода дод, ки истеҳсоли солонаи семент ба 4,7 миллион тонна расид.

Дараҷаи омӯзиши масъалаи мазкурро мавриди таҳқиқ қарор дода, диссертант ба хулосае омадааст, ки масъалаи инъикоси таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи Душанбе ҳануз таҳлилу баррасӣ нагардидааст. Воқеан бо ин андеша розӣ шудан мумкин аст, ки дар ин самт танҳо асарҳои ҷудогонаи муҳаққиқони Шуравӣ А.Н. Люсов, И. А. Гришманов, Ш.М. Соломонов, Б.С. Третяковро ва аз олимони Ватанӣ М. Садуллаев, А. Хошмухамедовро номбар кардан мумкин аст. Танҳо дар китоби П. Сатторов фаъолияти заводи сементи Душанбе дар солҳои гуногун ба тариқӣ илмӣ-оммавӣ инъикос гардидааст. Ҳамин омил метавонад мубрамияти мавзуъро муайян кунад, ки воқеан ин мавзуъ бори аввал дар таърихнигорӣ баррасӣ шуда, дар он даҳҳо маводи нави бойгонӣ ба гардиши илмӣ ворид шудааст.

Аҳаммият ва мубрамияти омӯзишии мавзуъро диссертант дар нуктаҳои зерин ифода намудааст:

- дар таърихнигории ватанӣ омузиш ва таҳқиқи таърихи ташаккул ва рушди саноати сохтмон, заводи сементи Душанбе аввалин кӯшиш мебошад, ки дар он дар асоси маводи нави бойгонӣ таърихи 80 солаи як корхонаи бузурги Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст;

- таҳқиқ ва инъикоси фаъолияти корӣ бо истифода аз сарчашмаҳои гуногун дастовардҳои корхона дар истеҳсоли семент ва фаъолияти кормандони соҳаи муҳандисӣ-техникии корхона ва саҳми онҳо дар рушди истеҳсолот муҳиммияти мавзуъро боз ҳам бештар мекунад;

- муқоисаи таҷрибаи таърихии фаъолияти фаъолияти корхона дар ду давра - даврони Шуравӣ ва замони соҳибистиқлолӣ, шароити иқтисоди бозорӣ бо такя ба манбоеи муътамад, маводи бойгонӣ ва осори муҳимми илмӣ метавонад дар муайян намудани роҳҳо ва усулҳои

сафарбар кардани захираҳои дохилии истеҳсолӣ дар оянда ба рушди соҳаҳои алоҳидаи саноат ва сохтмон хизмат намояд;

- инъикоси як корхонаи азими истеҳсоли семент, ки дар рушди саноат ва сохтмони ҷумҳурӣ нақши калидиро бозидааст, низ ҳамзамон ба ҳайси навгонии илмӣ дар диссертатсия муайян карда шудаанд.

Тавре маълум гардид, диссертант мубрамияти мавзуи таҳқиқро дар муқаддимаи рисола хуб, фаҳмо ва бо нуктаҳои ҷолиб иброз намудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст дар таърихнигории ватанӣ масъалаи ташаккул ва рушди заводи сементи Душанбе мавриди пажуҳиш ва баррасии таърихӣ қарор гирифтааст, ки натиҷаи омӯзишу пажӯҳиш, таснифот ва баррасиву таҷзияи он дар хулосаҳои зерин рӯйи кор оварда шудааст:

-марҳилаҳои таърихии ташаккули корхонаи сементи Душанбе дар шароити вазнини солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, дар давраи барқарорсозӣ, ва рушди минбаъдаи он дар солҳои 60-80 уми асри XX, дар шароити нави иқтисодии даврони истиқлол бо такя ба маводи нави бойгонӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ омӯхта шудааст;

- дар таърихнигории таърихи саноат бори нахуст фаъолияти корхона дар ду марҳилаи таърихӣ – замони Шуравӣ, низоми банақшагирӣ ва замони соҳибистиқлол, шароити иқтисоди бозорӣ бо такя ба манобеи муътамад муқоиса гардида, роҳҳои тавсеаи он: камбудиҳо, мушкилот ва дурнамо таҳқиқ карда шудааст;

Нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, диссертант дар назди худ доир ба мавзуи мавриди таҳқиқ вазифагузориҳо намудааст, то вижагиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташкилии фаъолияти корхонаи истеҳсоли сементи Душанберо ҳам дар даврони Шуравӣ ва ҳам замони истиқлол таҳлил намояд ва нақши корхонаро дар бунёди иншоотҳои азими ҷумҳурӣ ва таъмини онҳоро бо маҳсулоти зарурӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии муаррихони ватанию хориҷӣ истифода гардидаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулосаи диссертатсияи Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, натиҷаи таҳлили амиқи сарчашмаҳои таърихӣ, таҷрибаҳои ҷудогонаи минтақавӣ ва таҳқиқоти назариявӣ мебошанд. Ҳар як банди хулоса ба паҳлуи мушаххаси масъалаи таҳқиқӣ – ташаккул ва рушди фаъолияти корхонаи истеҳсоли сементи Душанбе дар солҳои 1942-2021 – бахшида шуда, муҳимтарин

омилҳо ва равандҳои таъсиргузорро дар ин давра равшан месозад. Инчунин, бахши тавсияҳо, муҳиммияти мавзуъро дар заминаи таърихнигорӣ ва омӯзиши таҷрибаи таърихии коргарони корхонаи истеҳсоли сементи Душанберо инъикос намуда, имкони истифодаи натиҷаҳои таҳқиқотро дар раванди таълиму тадрис ва таҳқиқоти минбаъда нишон медиҳад. Тавсияҳо бо назардошти таҳлилҳои илмӣ-назариявӣ ва таҷрибавӣ таҳия шуда, ба дурнамои васеи мавзуи таҳқиқотӣ равона шудаанд.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки нахустин бор ҷанбаҳои муҳимми фаъолияти корхонаи истеҳсоли сементи Душанбе дар замони Шӯравӣ ва истиқлол мавриди таҳлили илмии муфассал қарор гирифтаанд. Таҳқиқоти мазкур имконият медиҳад, ки саҳми коргарон, мутахассисони муҳандисӣ-техникии корхона, имконияту захираҳои саноат ва сохтмон ва тадбирҳои ҳукумат дар рушди ин соҳа равшан гарданд.

Натиҷаҳои амалии бадастомада дар таҳия ва коркарди дастурҳои таълимию китобҳои дарсии мансуб ба таърих, хондани курсу семинари махсус ва ҳамоишҳои илмӣ дар гурӯҳи ихтисосҳои равияҳои гуманитарӣ, махсусан, ихтисосҳои таърих дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат хоҳанд кард. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби Тоҷикистон дар заминаи рушди саноати семент бо ба эътибор гирифтани методҳои махсуси истеҳсоли сементи корхонаи мавриди таҳқиқ хеле ҳам муфиданд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, зербобҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва номгӯйи адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 168 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

**Таҳлили қисми муқаддамотӣ** ва тавсифи умумии рисола нишон медиҳад, ки диссертант мубрамияти мавзуи таҳқиқотиро бо далелу асосҳои муътамад, такя ба таҳлили илмӣ-назариявӣ амиқ нишон додааст. Муқаддимаи диссертатсия аз бандҳои мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, робитаи таҳқиқ бо барномаҳою мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объект ва усули таҳқиқ, маводи истифодашуда дар диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии таҳқиқ, асосҳои назарии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ ва сохтори диссертатсия таркиб ёфтааст, мувофиқи талабот, таълиф гардидааст.

**Боби якум. Фаъолияти заводи сементбарории Душанбе дар даврони Шӯравӣ (1942–1990).** Боби мазкур аз ду зербоб иборат мебошад. **Зербоби якум “Заминаҳои таърихӣ ва табиии таъсиси корхонаи сементбарорӣ дар шаҳри Душанбе” ном дорад.** Дар ин қисмат омилҳои таърихӣ ва захираҳои табиии Тоҷикистон, ки шароити мусоид

барои таъсиси корхонаи сементбарорӣ дар шаҳри Душанбе фароҳам оварданд, мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Ҳамзамон, эҳтиёҷи рӯзафзуни мамлакат ба масолеҳи сохтмон, аз ҷумла семент, дар шароити саноатикунонии Иттиҳоди Шуравӣ таҳлил мегардад. Таъсиси ин корхона на танҳо дар заминаи зарурати иқтисодӣ, балки дар асоси мавҷудияти захираҳои табиӣ, аз ҷумла ҷинсҳои карбонатӣ ва гилдор амалӣ шудааст.

**Дар зербоби дуюм "Рушди истеҳсоли семент дар давраи баъдиҷангӣ ва аҳаммияти он дар пешрафти соҳаҳои сохтмон ва саноат"**масъалаи рушди истеҳсоли семент дар давраи баъдиҷангӣ ва нақши он дар тақвияти пояҳои иқтисодию саноатии ҷумҳурӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст. Дар ин замина, хусусиятҳои рушди сохтории соҳаи мазкур, стратегияи давлат оид ба азнавсозии баъдиҷангии инфрасохтори иқтисодӣ ва афзоиши талабот ба масолеҳи сохтмонӣ, махсусан семент, баррасӣ мешаванд. Таъкид мегардад, ки дар давраи зикршуда, бо дарназардошти захираҳои мавҷудаи табиӣ, ба рушди саноати семент дар ҶШС Тоҷикистон таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешуд, ки он ҳамчун ҷузъи муҳими сиёсати умумии саноатикунонии Иттиҳоди Шуравӣ амалӣ мегардид.

Дар зербоби сеюм **«Омода намудани кадрҳо»** масъалаи таъмини корхонаи истеҳсоли семент бо қувваи корӣ, мутахассисони муҳандисию техникӣ, кадрҳои идоракунӣ ва дигар ҷанбаҳои марбут ба ташкили неруи инсонӣ дар давраи солҳои 40-уми асри XX то оғози асри XXI мавриди баррасии таҳлилӣ қарор дода шудааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ норасоии кадрҳои баландихтисос ва мутахассисони соҳавӣ боиси мушкилоти ҷиддӣ дар ҷараёни фаъолияти истеҳсолии корхона гардид. Дар натиҷа, ҳаҷми истеҳсоли семент дар ин давра то як баробар коҳиш ёфт. Бо вуҷуди ин, баъд аз анҷоми Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва оғози давраи азнавбарқароркунӣ, тадриҷан мушкилоти марбут ба норасоии қувваи корӣ, мутахассисон ва техникаи зарурӣ бартараф гардида, фаъолияти корхона вусъати бештар пайдо мекунад. Муаллиф дар ин боб ҳамчунин раванд ва муҳимияти таърихии таъсиси заводи сементро дар шаҳри Сталинобод (ҳозира – Душанбе) мавриди таҳлил қарор дода, зикр менамояд, ки санаи 6 декабри соли 1942 корхона ба фаъолият оғоз намуда, соли 1945 ба иқтидори пурраи истеҳсолӣ расид. Дар охири ҳамин сол ҳаҷми истеҳсоли семент дар завод ба 184,5 ҳазор тонна расид, ки ин нишондиҳанда дар таҳкими пояҳои истеҳсолоти семент дар ҷумҳурӣ нақши муҳим бозид.

**Боби дуюм – "Азнавсозии истеҳсолот дар заводи сементбарорӣ дар шароити нави иқтисодӣ (охири асри XX-аввали асри XXI)"** аз се зербоб

иборат мебошад. Дар зербоби якум **“Фаъолияти корхонаи семент дар шароити нави иқтисодӣ”** қайд карда мешавад, ки дар остонаи ҳадафи чоруми стратегӣ саноати сементбарорӣ низ яке аз соҳаҳои муҳим аз ҷиҳати имкониятҳои ҷуғрофию захираҳои табиӣ барои саноати мамлакат ба ҳисоб меравад. Роҷеъ ба исботи матлаби мавриди назар бояд қайд намуд, ки то соли 2014 дар Тоҷикистон 9 корхонаи истеҳсоли семент фаъолият мекард, ки бузургтаринашон корхонаи «Тоҷиксемент»-и шаҳри Душанбе ва «Ғаюрсемент»-и ноҳияи Ёвон ба ҳисоб мерафт таъкид мегардад. Дар соли 2020 дар Тоҷикистон беш аз 18 корхона ба истеҳсоли семент машғул буда, асоситаринашон се корхонаи муштараки Тоҷикистону Ҷумҳурии Мардумии Чин, аз қабили «Чунгтсай Моҳир семент», «Хуаксин Ғаюр семент» ва «Хуаксин Ғаюр Суғд семент» ба ҳисоб меравад, ки қариб 90 % истеҳсоли сементи мамлакатро ташкил медиҳад.

Дар зербоби дуюми ин боб **“Нақши заводи сементбарорӣ дар таъмини корхонаҳо ва иншоотҳои азими Тоҷикистон”** қайд шудааст, ки аз ҷиҳати сифати истеҳсоли семент ҶСК “Сементи Тоҷик” дар байни давлатҳои Шуравӣ ҷойи дуюмро ишғол мекард. Дар он солҳо корхона қариб сад фоиз талаботи дохилии ҷумҳуриамонро бо семент таъмин намуда, барои сохтмони иншооти калонтарини кишвар, аз қабили Неругоҳҳои барқии обии “Норак”, “Бойғозӣ”, “Варзоб”, нақби обгузари 14 - километраи “Данғара – Ёвон” ва як қатор корхонаҳои азими мамлакат - Ширкати “Талко”, азоти Сарбанд, “Тоҷиккимсаноат”-и Ёвон ва ғайра маҳсулоти хушсифат истеҳсол мекард. Ғайр аз он ҶСК “Сементи Тоҷик” иншоотҳои муҳимми кишварро, ба монанди Неругоҳи барқии обии “Роғун”, ҶСК “Сангтӯда-1”, Неругоҳи барқи обии “Сангтӯда- 2”, дирексияи иншоотҳои сохтмонии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сементи хушсифат таъмин менамояд

Зербоби сеюми боби дуюм таҳти унвони **“Дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ҳаёти коргарони корхонаи истеҳсоли сементи шаҳри Душанбе”** ба таҳлили вазъияти иҷтимоиву иқтисодии кормандони корхона бахшида шуда, равандҳои муҳимми ташаккули муҳити меҳнатӣ ва ҳаёти рӯзмарраи онҳо мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Дар ин замина, зикр мегардад, ки дар Корхонаи воҳиди давлатии “Тоҷиксемент” барои таъмини шароити мусоид ва ташвиқи фаъолияти босамари кормандон, махсусан занон, тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, заминаҳои муносиб барои фаъолияти касбӣ ва иҷтимоии онҳо фароҳам оварда шудаанд. Дар қисми хулосавии зербоб таъкид мегардад, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ, бо дарназардошти сиёсати иҷтимоии давлат ва такмил ёфтани низоми иқтисодӣ, сатҳи шароити меҳнатӣ, музди кор ва ҳифзи иҷтимоии кормандони корхона ба таври назаррас беҳтар гардида, ин раванд ба болоравии сатҳи некӯаҳволии онҳо мусоидат намудааст.

**Хулосаи диссертатсияи** довталаби дарачаи илмӣ аз натичаи баҳсҳои илмӣ бар омада, дарк ва зеҳнияти касбии муҳаққиқии ӯро нишон медиҳад. Дар хулоса натичаи пажуҳиш ба тариқи фишурда аз рӯйи натичагирии таҳқиқ оварда шуда, феҳристи адабиёт фарогири номгӯйи адабиёти зарурии илмиест, ки миқдорашон ба **132** адад мерасад.

**Нашри натичаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна мазмуну муҳтаво ва нуктаҳои асосии диссертатсияро дар 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 3 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд. Маводи батабърасида муҳимтарин паҳлуҳо ва мазмуни асосии диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии диссертантро собит менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна ба талабот оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати дисертатсияи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ аст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи «Тартиби додани дарачаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, чавобгӯ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ кори диссертатсионии Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна мавриди таваҷҷуҳ аз баъзе нуқсону камбудиҳо низ иборат мебошад, ки ислоҳи онҳо дар таҳқиқи минбаъдаи он аз манфиат холӣ нест:

1. Дар қисмати мавзуи диссертатсия хуб мешуд, ки соҳаи сохтмон низ якҷоя таҳлил карда мешуд, ки фарогири васеъи масъалаи мазкур ба инъикоси ин соҳа низ, ки омухта нашудааст, имкон медод;
2. Дар рисола таҳлили муқоисавӣ бо дигар рисолаҳо, адабиёт, мақолаҳои илмӣ кам ба назар мерасад;
3. Дар рисола дар масъалаи тайёр намудани кадрҳо ва нақши ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ дар ин бобат камтар нишон дода шудааст;
4. Дар рисола нақши занон, ҷавонон дар ташаккул ва рушди корхонаи истеҳсоли сементи Душанбе, шуҷоат ва қаҳрамониҳои меҳнатии онҳо дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ камтар инъикос ёфтааст.
5. Муаллиф ба масъалаи хеле муҳим – нақши иттифоқҳои касаба дар ҳаёти завод ва кормандони он камтар таваҷҷуҳ кардааст, дар ҳоле ки нишондиҳандаҳои корхона дар ин самт хеле назаррас будаанд.
6. Дар диссертатсия дар баъзе мавридҳо хатоҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

Аммо, эродҳои зикргардида ислоҳпазир буда, онҳо характери тавсиявӣ доранд. Ислоҳи онҳо ҳангоми таҳия ва нашри монография арзиши илмии кори диссертатсиониро боло мебарад.

Автореферат ва мақолаҳое, ки диссертант доир ба мавзуи мавриди пажуҳиш ба табъ расонидааст, мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро пурра фаро гирифтааст. Кори диссертатсионии мазкур ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмии кори диссертатсионӣ ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна «Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи Душанбе (1942 - 2021)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) пешниҳод гардидааст, кори анҷомёфта буда дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расидааст. Рисола ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои таърих, дотсенти**
**кафедраи фанҳои гуманитарии**
**Донишгоҳи давлатии молия ва**
**иқтисоди Тоҷикистон** **Муллоҷонзода Асадулло Кучак**

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
ноҳияи Синои, кӯчаи Нахимов 64/14,
Тел: (+992) 934126000
E-mail: asdullo1976@mail.ru

Имзои А.К.Муллоҷонзодаро тасдиқ мекунам:
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус** **Мирҷамолов М.**
01.09.2025